**Бонки миллии Тоҷикистон**
**Пажуҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотӣ**

# Натиҷаи назарсанҷӣ "Оид ба талабот ба қарз аз тарафи аҳолӣ ва пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон"

Душанбе 2025

**Мундариҷа**

Маълумоти умумӣ ........................................................................................... 3
Интихоби респондентон аз рӯйи макони зист ............................................................ 5
**I. Талабот ба қарз аз тарафи аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ........... 6**
1.1. Фарогирии респондентон аз рӯйи ҷинс ................................................................. 6
1.2. Гурӯҳбандии респондентон аз рӯйи синну сол ..................................................... 7
1.3. Сатҳи маълумотнокии респондентон ...................................................................... 8
1.4. Иштироки респондентон аз рӯйи шуғлнокӣ ......................................................... 8
1.5. Муроҷиати респондентон барои гирифтани қарз аз ТҚМ .................................... 9
1.6. Мақсади гирифтани қарз аз ҷониби респондентон ............................................... 11
1.7. Ҳолати қонеъкунанда будани маблағи қарз ва фоизи он ба талаботи респондентон ...........................................................................................11
1.8. Талаботи респондентон аз рӯйи ҳаҷми маблағи қарз ........................................... 13
1.9. Мушкилӣ ва маҳдудиятҳои респондентон ҳангоми гузоштани дархости қарзӣ ................................................................................................... 12
1.10. Сабабҳои муроҷиат накардани респондентон барои гирифтани қарз ............ 15
1.11. Хоҳиши гирифтани қарз аз ҷониби респондентон дарояндаи наздик .............16
1.12. Таклифҳои респондентон оид ба беҳтар намудани пешниҳоди қарз ............... 17
**II. Пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон** ............................................................................................ 18
2.1 Фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон оид ба пешниҳоди қарз .......................................................................................... 18
2.2 Филиал ва дигар воҳидҳои сохтории ТҚМ дар ноҳияҳои дурдаст .......................19
2.3. Намуди маҳсулоти қарзӣ барои аҳолӣ ................................................................... 20
2.4. Ҳаҷми миёнаи пешниҳодимаблағи қарз ............................................................... 20
2.5. Меъёри миёнаи пешниҳоди фоизи қарз ................................................................ 21
2.6. Муҳлати миёнаи пешниҳоди қарз .......................................................................... 22
2.7. Талабот ба пешниҳоди гарав .................................................................................. 22
2.8. Талабот ба пешиҳоди қарз ...................................................................................... 23
2.9. Муроҷиати респондентон аз рӯйи гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои гирифтани қарз 24
2.10. Мушкилот ҳангоми додани қарз ........................................................................... 24
2.11. Ҳолати саривақт пардохт накардани қарз ............................................................ 25
2.12. Сабаби ба ТҚМ муроҷиат накардани аҳолӣ барои гирифтани қарз................. 26
2.13. Таклифҳои ТҚМ оид ба беҳтар намудани пешниҳоди қарз................................26
Хулоса ..................................................................................................................... 27

**Маълумоти умумӣ**

Пажуҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотӣ дар робита ба вазифагузории роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати муайян намудани ҳолати қарздиҳӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон аз нуқтаи назари талабот ба қарз аз тарафи аҳолӣ ва пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ санаи аз 11 то 14 марти соли 2025 назарсанҷиро анҷом дод.

Варақаҳои назарсанҷӣ бо назардошти омӯзиши ин масъала омода гардида, бо воҳидҳои сохтории дахлдор мувофиқа карда шуданд.

Пур намудани варақаи назарсанҷӣ аз нуқтаи назари талабот ба қарз аз ҷониби аҳолӣ бо сафарбар намудани кормандони дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ гардид. Варақаи назарсанҷӣ ҷиҳати муайян намудани ҳолати пешниҳоди қарз аз ҷониби респондентон тавассути ҷойгир намудани ин варақа дар суроғаи муайяншудаи шабакаи интернет анҷом дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши ҳолати қарздиҳӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон аз нуқтаи назари талабот ба қарз аз тарафи аҳолӣ ва пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Новобаста аз он, ки шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон дар солҳои охир зиёд гардида бошад, вале ҳолати дастрасӣ ба қарзҳо ва талабот ба маблағҳои қарзӣ бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолӣ, рушди истеҳсолот ва зиёд гардидани соҳибкории хурду миёна нокифоя боқӣ мемонад.

Тибқи маълумоти омори бонкӣ солҳои охир тамоюли зиёд гардидани бақияи умумии қарзҳо ва коҳиш ёфтани фоизи миёнаи қарзҳо, аз ҷумла қарзҳои хурд дар минтақаҳои дурдаст ба назар мерасад.

Раванди баргузории назарсанҷӣ аз рӯйи методологияи ягона ва мутобиқ ба талаботи таҳқиқоти оморӣ амалӣ шуда, пайдарпайии ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳоро дар бар гирифтааст.

Мақсад ва вазифаҳои назарсанҷӣ пеш аз ҳама ошкор ва муайян намудани мушкилот ва маҳдудиятҳои ҷойдошта дар самти дастрасӣ ба қарзҳо ва имкониятҳо оид ба васеъ намудани ҳолати пешниҳоди қарз аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон

мебошад. Ҳамчунин, муайян намудани шаклҳои асосии маҳсулоти қарзии пешниҳодгардида ва шартҳои қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, мушкилоти асосӣ ҳангоми додани қарз ва сабабҳои муроҷиат накардани аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ омӯхта шудааст.

Азбаски ҳиссаи бештари аҳолӣ (71,2%) дар деҳот истиқомат менамояд ва гурӯҳи муайяни он дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ҷойгир шудаанд, бинобар ин сатҳи хизматрасонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои бонкӣ мубрам дониста шуда, омӯзиши дақиқ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Интихоби объекти таҳқиқот аз ҳисоби аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва НТҶ ва саридораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ анҷом дода шудааст.

Дар асоси истифодаи усули интихобӣ натиҷаҳои бадастомада коркард ва таҳлил карда шуданд. Интихоби респондентон оид ба ҳолати қарзиҳӣ бо назардошти ҳиссаи аҳолии ҳар як минтақа дар шумораи умумии аҳолии ин минтақаҳо, ки дар маҷмуъ 1519,6[1] ҳаз нафарро ташкил додааст, гузаронида шуд.

Бо назардошти қоидаҳои таҳқиқоти оморӣ ва дар асоси истифодаи ҷадвали Паниотто ё калкулятор бо сатҳи эътимоднокии 95 фоиза ва саҳви ниҳоии 5 фоиза шумораи респондентон, ки аз нуқтаи назари талабот ба қарз мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд, 400 нафарро ташкил дод (ниг. ба ҷадвали 1).

---

[1] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 2022. Саҳ. 287-289

Ҷадвали 1. Шумораи аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ва шумораи он барои пурсиш

| Шаҳру ноҳияҳо | Шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар) | Ҳиссаи аҳолӣ дар шумораи умумӣ (%) | Шумораи аҳолӣ барои пурсиш (нафар) | Шаҳру ноҳияҳо | Шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар) | Ҳиссаи аҳолӣ дар шумораи умумӣ (%) | Шумораи аҳолӣ барои пурсиш (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ш.Хоруғ | 31,1 | 2,05 | 8 | н.Варзоб | 89,3 | 5,88 | 24 |
| н.Ванҷ | 34,4 | 2,26 | 9 | ш. Роғун | 15,2 | 1,00 | 5 |
| н.Дарвоз | 23,5 | 1,55 | 7 | н.Мӯъмин обод | 99,3 | 6,53 | 26 |
| н.Ишкошим | 30,3 | 1,99 | 8 | н.Ховалинг | 58,3 | 3,84 | 15 |
| н.Мурғоб | 16,2 | 1,07 | 4 | н.Балҷувон | 32,7 | 2,15 | 9 |
| н.Роштқалъа | 28 | 1,84 | 8 | н.Шамсид дин Шоҳин | 57,7 | 3,80 | 15 |
| н.Рӯшон | 26,5 | 1,74 | 7 | н.Темурма лик | 75,5 | 4,97 | 19 |
| н.Шуғнон | 39,2 | 2,58 | 10 | ш.Норак | 28,8 | 1,90 | 8 |
| н.Нуробод | 72,6 | 4,78 | 19 | н.Шаҳрис тон | 46,2 | 3,04 | 12 |
| н.Рашт | 131,1 | 8,63 | 35 | н.Айнӣ | 91,2 | 6,00 | 24 |
| н.Сангвор | 25,1 | 1,65 | 7 | н.Кӯҳистон и Мастчоҳ | 24,4 | 1,61 | 6 |
| н.Тоҷикобод | 50,9 | 3,35 | 13 | н.Деваштич | 182,2 | 11,99 | 48 |
| н.Лахш | 54,4 | 3,58 | 14 | ш.Панҷа кент | 43,8 | 2,88 | 12 |
| н.Файзобод | 111,7 | 7,35 | 29 | | | | |
| **Ҷамъ** | **675** | **44,42** | **178** | | **844,6** | **55,58** | **222** |

## Интихоби респондентон аз рӯйи макони зист

Интихоби респондентон бо назардошти шумораи умумии аҳолии истиқоматкунанда дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ чунин мебошад. Дар ВМКБ 60 нафар (14,9%), ноҳияҳои тобеи марказ 146 нафар (36,8%), вилояти Хатлон 92 нафар (22,9%) ва вилояти Суғд 102 нафар (25,4%) -ро ташкил додааст (ниг. ба диаграммаи 1).

Диаграмаи 1. Иштироки респондентон аз рӯйи макони зист (бо фоиз)




Дар маҷмуъ 27 шаҳру ноҳияҳои аз тамоми ҷумҳурӣ ба назарсанҷӣ фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, дар ВМКБ: шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, Роштқалъа, Рӯшон ва Шуғнон. Дар НТҶ: ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Сангвор, Тоҷикобод, Лахш, Файзобод, Варзоб ва шаҳри Роғун. Дар вилояти Хатлон: ноҳияҳои Мӯъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Шамсиддин Шоҳин, Темурмалик ва шаҳри Норак. Дар вилояти Суғд: ноҳияҳои Шаҳристон, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич ва шаҳри Панҷакент.

# I. Талабот ба қарз аз тарафи аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон

## 1.1. Фарогирии респондентон аз рӯйи ҷинс

Омӯзиши масъалаи талабот ба қарз аз тарафи аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бо назардошти таносуби ҷинсӣ оғоз гардида, фарогирии респондентон аз рӯйи ҷинс ифодакунандаи дастрасии занон ба маблағҳои қарзӣ мебошад. Аз шумораи умумии респондентон, ки мавриди омӯзиш қарор дода шуданд 266 нафар ё 66,5 фоиз мард ва 134 нафар ё 33,5 фоизашро занон ташкил додаанд. Ҳарчанд, ки шумораи занон аз се як ҳиссаи шумораи умумии респондентонро ташкил додаанд, лекин талаботи онҳо ба маблағҳои қарзӣ низ омӯхта шудааст (ниг. ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2.Таносуби респондентон аз рӯйи ҷинс (бо фоиз)




1.2. Гурӯҳбандии респондентон аз рӯйи синну сол

Таҳқиқи талаботи респондентон ба маблағҳои қарзӣ бо назардошти сохтори синну солии онҳо муҳим дониста мешавад, зеро баробари тағйир ёфтани синну сол талабот ба қарз низ дигар мешавад. Натиҷаи коркарди мавод муайян намуд, ки дар гурӯҳҳои синну солии аз 30 то 34 сола талаботи бештар ба қарз (18 фоиз), аз 35 то 39 сола (17,8 фоиз) ҷой дошта, баъдан талабот ба қарз дар гурӯҳи синну солии 60 сола ва бештар аз он дида мешавад, ки чунин ҳолат хоси ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон буда, баъд аз ба нафақа баромадан бинобар сабаби  машғул будан дар хоҷагиҳои кишоварзӣ талабот ба маблағҳои қарзӣ меафзояд  (ниг. ба диаграммаи 3).

Диаграммаи 3. Гурӯҳбандии синну солии респондентон аз рӯйи синну сол (бо фоиз)



1.3. Сатҳи маълумотнокии респондентон

Масъалаи дигаре, ки дар назарсанҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд, сатҳи маълумотнокии респондентон мебошад, ки аз дигар ҷониб ифодакунандаи сатҳи маълумотнокии аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон мебошад. Омӯзиши ин масъала муайян намуд, ки таносуби иштироки респондентон аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ гуногун буда, ҳиссаи аз ҳама бештар (44,8 фоиз) шахсони маълумоти олии касбӣ доштаро дар бар гирифта, дар зиннаи дуюм ҳиссаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (32,3 фоиз), дар зиннаи сеюм ҳиссаи таҳсилоти умумӣ (17,3 фоиз) ва дар зинаи ниҳоӣ таҳсилоти ибтидоии касбӣ дошта (3,3 фоиз) ҷойгир шудаанд. Аз натиҷаи коркарди маълумотҳо бармеояд, ки сатҳи маълумотнокӣ то андозае ба хизматрасониҳои молиявӣ - бонкӣ ва гирифтани қарз алоқаманд буда, дастрасӣ ва фарогириро ба чунин шакли хизматрасониҳо бештар мегардонад, масалан, 77 фоизи респондентон маълумоти олӣ ё миёнаи касбӣ доранд (ниг. ба диаграммаи 4).

Диаграммаи 4. Ҳиссаи респондентон аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ (бо фоиз)




1.4. Иштироки респондентон аз рӯйи шуғлнокӣ

Муайян намудани ҳолати иштироки респондентон аз рӯйи шуғлнокӣ масъалаи дигари мавриди таҳқиқ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон мебошад, ки то андозае ба шуғл фарогир будани аҳолии ин минтақаҳо ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол будани онҳоро ифода менамояд. Иштироки респондентон бо назардошти шуғли онҳо муайян намуд, ки

ҳиссаи аз ҳама бештар (43 фоиз) коргар/хизматчӣ, дар зиннаи дуюм соҳибкор (18 фоиз) ва дар зиннаи сеюм шахсони дар хоҷагиҳои деҳқонӣ шуғлдошта (машғулбуда) (9,8 фоиз) ташкил намуда, ҳиссаи шахсони хонашин (5,8 фоиз), муҳоҷирони меҳнатӣ (5,5 фоиз), шахсони бекор (4,3 фоиз) ва донишҷӯён (1,3 фоиз)-ро ташкил дода, ҳамчунин (3 фоиз) аз посух додан ба ин савол худдорӣ намуда, (4,3 фоиз) ҳолати шуғли худро нишон надодаанд (ниг. ба диаграммаи 5).

Диаграммаи 5. Иштироки респондентон аз рӯйи шуғлнокӣ
(бо фоиз)




## 1.5. Муроҷиати респондентон барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ

Барои фаҳмидани ҳолати талабот ба қарз ва то кадом андоза фаъол будани респондентон ҷиҳати гирифтани қарз дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ё муроҷиати онҳо ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар пурсишнома саволи: “Оё Шумо дар 12 моҳи охир аз ягон ташкилоти қарзии молиявӣ қарз гирифтаед” ҷойгир гардида буд. Натиҷаи коркарди маълумотҳо муайян намуд, ки ҳиссаи бештари респондентон (67 фоиз) дар давоми як соли охир барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ муроҷиат намуда, аз се як ҳисса (33 фоиз) бо сабабҳои гуногун дар ин муддат барои гирифтани қарз муроҷиат накардаанд. Ин масъала то андозае талабот ба қарзро дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ифода намуда, баъдан мақсади гирифтани қарз, мушкилот ва маҳдудиятҳоро дар раванди қарздиҳӣ ба вуҷуд омадаро дар бар мегирад (ниг. ба диаграммаи 6).

Диаграммаи 6. Ҳолати гирифтани қарз аз ҷониби респондентон дар 12 моҳи охир (бо фоиз)




Муроҷиат накардан ва нагирифтани қарз аз ҷониби респондентон дар сатҳи минтақаҳо фарққунанда буда, ҳиссаи ҷавобҳо аз рӯйи минтақаҳо оид ба нагирифтани қарз дар 12 моҳи охир чунин аст (ниг. ба диаграммаи 6.1.).

**Диаграммаи 6.1. Ҷавоби респондентон** оид ба нагирифтани қарз аз рӯйи минтақаҳо **(бо фоиз)**




Аз ҷавоби респондентон муайян гардид, ки ҳиссаи аз ҳама бештар (43,9 фоиз) дар НТМ барои гирифтани қарз дар давоми 12 моҳи охир муроҷиат накардаанд. Ҳамчунин, дар вилояти Суғд (23,5 фоиз), вилояти Хатлон (18,2 фоиз) ва дар ВМКБ (14,4 фоиз) респондентон дар мавриди гирифтани қарз ҷавоби рад додаанд.

## 1.6. Мақсади гирифтани қарз аз ҷониби респондентон

Муайян намудани мақсади гирифтани қарз дар ноҳияҳои дурдаст яке аз талаботҳои асосии назарсанҷӣ буда, ҳиссаи бештари респондентон бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои истеъмолӣ (41,4 фоиз) қарз гирифтаанд. Ҳамчунин, барои рушди кишоварзӣ (21,3 фоиз) ва барои сохтмон (22,4 фоиз) мақсади асосии гирифтани қарз шарҳ додаанд. Дар маҷмуъ ҳиссаи ин мақсадҳо бештар аз 85,1 фоизро дар бар гирифтааст. Ҳиссаи хизматрасонӣ (7,5 фоиз) ва барои иҷрои корҳо дар саноат (1,1 фоиз)-ро ташкил додааст (ниг. ба диаграммаи 7).

Диаграммаи 7. Мақсади гирифтани қарз аз ҷониби респондентон (бо фоиз)




## 1.7. Ҳолати қонеъкунанда будани маблағи қарз ва фоизи он ба талаботи респондентон

Масъалаи дигар, ки дар назарсанҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд, ин ҳолати қонеъкунанда будани маблағи қарз ва фоизи он мебошад. Натиҷаи коркарди маълумотҳо муайян намуд, ки дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ҳиссаи бештари респондентон (81,7 фоиз) маблағи қарз ва фоизи онро қонеъкунанда ҳисобида, талаботи (18,3 фоиз) респондентонро маблағи пешниҳоднамудаи қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва фоизи он қонеъ намегардонад. (ниг. ба диаграммаи 8).

Диаграммаи 8. Ҳолати қонеъгардонии маблағи қарз ва фоизи он ба талаботи респондентон (бо фоиз)




Ҳолати қонеъ нагардидани талаботи респондентон дар мавриди гирифтани қарз дар сатҳи минтақаҳо таҳлил гардида, ҳиссаи ҷавобҳо гуногун мебошад (ниг. ба диаграммаи 8.1.).

Диаграммаи 8.1 Ҳолати қонеъкунанда набудани маблағи қарз ва фоизи он дар сатҳи минтақаҳо (бо фоиз)




Коркарди маълумотҳо ошкор намуд, ки ҳиссаи бештари муштариён дар НТМ (38,8 фоиз) аз маблағи қарз ва фоизи он қонеъ набуда, ҳиссаи чунин респондентон дар вилояти Суғд (24,5 фоиз) дар ВМКБ (20,4 фоиз) ва дар вилояти Хатлон аз ҳама камтарин (16,3 фоиз) -ро ташкил додааст.

Дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки бо мақсади ҳар чи бештар ҷалб намудани муштариён, ҷиҳати қонеъ гардонидани

талаботи онҳо, сабукгардонии шартҳои пешниҳоди қарз ва паст намудани фоизи қарзҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

### 1.8. Талаботи респондентон аз рӯйи ҳаҷми маблағи қарз

Муайян намудани талабот ба ҳаҷми маблағҳои қарзӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо назардошти ин талаботҳо дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бояд минбаъд корбарӣ намоянд. Натиҷаи коркарди маълумотҳо муайян намуд, ки талаботи аз ҳама бештар (16 фоиз) ба қарзҳои ҳаҷман хурд аз 5000 то 10000 сомонӣ буда, ҳиссаи қарзҳо ба маблағи аз 10000 то 15000 мувофиқан (13,1 фоиз) ва аз 20000 то 25000 (12,3 фоиз), ҳиссаи қарзҳои ҳаҷман калон аз 300 000 то 1 000 000 ва аз он зиёд дар маҷмуъ ҳамагӣ (2,2 фоиз)-ро ташкил намудааст (ниг. ба диаграммаи 9).

Диаграммаи 9. Талаботи респондентон аз рӯйи ҳаҷми маблағи қарз (бо фоиз)




### 1.9. Мушкилӣ ва маҳдудиятҳои респондентон ҳангоми гузоштани дархости қарзӣ

Натиҷаи коркарди маълумотҳо муайян намуд, ки (67 фоиз)-и респондентон аз шумораи умумии онҳо ба масъалаи дучор шудан ба мушкилӣ ва маҳдудиятҳои гуногун ҳангоми гирифтани қарз дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистонро ба таври мусбӣ ё манфӣ ибрози назар намудаанд. Аз ҷумла, 229 нафар ё (85,4) иброз намудаанд, ки ба ягон намуди мушкилӣ ва маҳдудият дучор нагардидаанд. Ҳамчунин, (4,1 фоиз)

қайд намудаанд, ки ҳангоми гирифтани қарз ҳаргуна ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб карда мешавад, (1,9 фоиз) дуру дароз таҳлил гардидани ҳолати молиявӣ ва нокифоя будани маблағи қарзи пешниҳодшуда ва дур аз макони зист ҷойгир шудани нуқтаҳои хизматрасониро маҳдудият ё мушкилот дар мавриди гирифтани қарз медонанд. Инчунин, (0,4 фоиз) сатҳи пасти хизматрасонии муштариён ва ниҳоят зиёд будани арзиши гаравро нисбат ба арзиши қарз мушкилот медонанд. Дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд, ки мушкилот ва монеаҳои ҷойдоштаро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ чораандешӣ намоянд (ниг. ба диаграммаи 10).

Диаграммаи 10. Мушкилӣ ва маҳдудиятҳои респондентон ҳангоми гузоштани дархости қарзӣ (бо фоиз)




Омӯзиши мушкилот ва маҳдудиятҳо дар мавриди гирифтани қарз дар сатҳи минтақаҳо тафовут дошта, натиҷаи коркарди маълумотҳо ошкор намуд, ки дар вилояти Хатлон оид ба ин масъала ҷавоби мусбӣ додаанд. Ҳарчанд, ки дар НТМ (83 фоиз) респондентон ба ягон мушлилот ё маҳдудият дучор нагардида бошанд, лекин (4,5 фоиз) дуру дароз таҳлил намудани ҳолати молиявӣ, (3,4 фоиз) қаноаткунанда набудани ҷадвали пардохти қарзҳо ва (2,3 фоиз) дур аз манзили истиқоматӣ ҷойгир шудани нуқтаҳои хизматрасонии бонкӣ ва ҳаргуна ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб намуданро маҳдудият дар мавриди гирифтани қарз медонанд. Дар

вилояти Суғд мушкилоти асосӣ (5,6 фоиз) мувофиқат накардани маблағи пешниҳодгардида ба талаботи муштарӣ, (4,2 фоиз) вақти зиёдро гирифтани қарз ва (2,8 фоиз) ҳаргуна ҳуҷҷатҳои зиёдатӣ талаб карданро маҳдудият дар мавриди гирифтани қарз медонанд. Дар ВМКБ мушкилоти асосӣ (17,2 фоиз) ҳаргуна ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб намудан мебошад, ки ҳиссаи дигар мушкилот ва маҳдудиятҳо мутаносибан якхела (2,4 фоиз)-ро ташкил кардааст.

1.10. Сабабҳои муроҷиат накардани респондентон барои гирифтани қарз

Муайян намудани сабабҳои муроҷиат накардани респондентон ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани қарз масъалаи дигари мавриди назари тадқиқот мебошад ва (33 фоизи) респондентон иброз намудаанд, ки дар 12 моҳи охир барои гирифтани қарз муроҷиат накардаанд. Сабаби асосии муроҷиат накардан (67,4 фоиз) - эҳтиёҷ надоштани респондентон барои гирифтани қарз мебошад. Ҳамчунин, барои респондентон ҷолиб набудани қарз (7,6 фоиз), нокифоя будани даромад барои баргардонидани қарз (5,3 фоиз), бинобар сабаби дар рӯйхати “сиёҳ” қарор доштани онҳо (3,0 фоиз) ва бо сабаби маълумотномаи манбаи даромад надоштани респондентон (3,8 фоиз)-ро дар бар гирифтааст. Сабабҳои дигар ба монанди номуайян ё нофаҳмо будани тарзи додани қарз, кам будани воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ин минтақаҳо ё ҳаросидан аз гирифтани қарз ҳиссаи ночиз дошта, дар маҷмуъ (3,1 фоиз)-ро ташкил додаанд (ниг. ба диаграммаи 11).

Диаграммаи 11. Сабабҳои мурочиат накардани респондентон ба ТҚМ барои гирифтани қарз дар 12 моҳи охир (бо фоиз)




## 1.11. Хоҳиши гирифтани қарз аз ҷониби респондентон дарояндаи наздик

Масъалаи хоҳиши гирифтани қарз дарояндаи наздик аз ҷониби респондентон мавриди таққиқ қарор гирифта, муайян гардид, ки 288 нафар ё (72 фоиз) хоҳиши дарояндаи наздик гирифтани қарзро дошта, 112 нафар ё 28 фоиз бо сабабҳои гуногун хоҳиши гирифтани қарзро надоранд (ниг. ба диаграммаи 12).   .

Диаграммаи 12. Хоҳиши гирифтани қарз аз ҷониби респондентон дарояндаи наздик (бо фоиз)



1.12. Таклифҳои респондентон оид ба беҳтар намудани пешниҳоди қарз

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон маълум мегардад, ки бештари онҳо ба саволи мазкур ҷавоб надоданд.

Дар баробари ин, як қатор таклифҳо аз ҷониби респондентон барои беҳтар намудани пешниҳоди қарз ва дастрасии бештари аҳолӣ ба маблағҳои қарзӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон иброз гардиданд. Ин таклифҳо чунин гурӯҳбандӣ карда шуданд:

1. Фоизи қарз паст ва муҳлати пешниҳоди қарз дароз карда шавад, зеро дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон имконияти молиявии аҳолӣ маҳдудтар мебошад.

2. Талабот ба зомин барои гирифтани қарз то 50000 сомонӣ кам карда шуда, барои деҳқонон, ки бо замин сару кор доранд фоизи қарзҳои бонкӣ бозбинӣ карда шавад.

3. Барои соҳибкорон грантҳо пешниҳод гардида, муштариёни дар "рӯйхати сиёҳ" қарордошта пас аз вақти муайян аз ин рӯйхат хориҷ карда шаванд.

4. Муҳлати баррасии дархостҳо барои гирифтани қарз кӯтоҳ ва хизматрасонӣ дар ин маврид беҳтар карда шавад.

5. Дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бе гузоштани гарави амвол пешниҳоди қарз то 100000 сомонӣ ва зиёд намудани шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон ба роҳ монда шавад.

6. Рӯйхати бастаи ҳуҷҷатҳо дар мавриди гирифтани қарз камтар шуда, дар ҷамоатҳои дурдаст банкоматҳо насб карда шаванд.

7. Қарзҳои дастрас дар деҳоти дурдаст имконпазир гардида, имконияти гирифтани қарз барои ҳамаи категорияҳои аҳолӣ беҳтар карда шавад.

## II. Пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон

### 2.1. Фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон оид ба пешниҳоди қарз

Омӯзиши ҳолати қарздиҳӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон аз нуқтаи назари пешниҳоди қарз аз ҷониби респондентон тавассути ҷойгир намудани варақаи назарсанҷӣ дар суроғаи муайяншудаи шабакаи интернет гузаронида шуд. Шакли электронии варақаи назарсанҷӣ ба респондентон, аз ҷумла 14 бонк ва 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд дастрас гардид.

Бинобар сабаби он, ки на ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон воҳидҳои сохтории худро доранд, дар назарсанҷии мазкур 10 бонк ё 71,4 фоиз аз шумораи умумии бонкҳо ва 7 ташкилоти амонатии қарзии хурд ё 36,8 фоиз аз шумораи умумии ин ташкилотҳо ширкат варзиданд.

Шумораи респондентони дар ин назарсанҷӣ иштирок намуда 17 адад ё 51,5 фоиз аз шумораи умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташкил додаанд, ки пешниҳоди қарз аз тарафи онҳо дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон амалӣ мегардад. Дар маҷмуъ 27 шаҳру ноҳияҳои аз тамоми ҷумҳурӣ ба назарсанҷӣ фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, дар ВМКБ: шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, Роштқалъа, Рӯшон ва Шуғнон. Дар НТҶ: ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Сангвор, Тоҷикобод, Лахш, Файзобод, Варзоб ва шаҳри Роғун. Дар вилояти Хатлон: ноҳияҳои Мӯъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Шамсиддин Шоҳин, Темурмалик ва шаҳри Норак. Дар вилояти Суғд: ноҳияҳои Шаҳристон, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич ва шаҳри Панҷакент.

Коркарди маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки шумораи воҳидҳои сохтории респондентон дар ин шаҳру ноҳияҳо амалкунанда дар маҷмуъ 700 ададро ташкил дода, ҷойгиршавиашон дар сатҳи ин минтақаҳо гуногун мебошад. Аз шумораи умумии воҳидҳои сохтории респондентон 575 адад ё 82,1 фоиз ба КВД БА ҶТ "Амонатбонк", 32 адад ё 4,6 фоиз ба ҶСК "Ориёнбонк", 17 адад ё 2,43 фоиз ба ҶСК "Бонки Эсхата", 15 адад ё 2,14 фоиз ба ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон", 18 адад ё 2,57 фоиз ба ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" дахл дошта, ҳиссаи дигар респондентон дар маҷмуъ ба 6,2 фоизро ташкил

додаанд (ниг. ба диаграммаи 13).

Диаграммаи 13. Ҳиссаи респондентон дар ноҳияҳо дурдасти кӯҳистон (бо фоиз)




Аз натиҷаи коркарди маводи назарсанҷӣ бармеояд, ки ҳиссаи бештари воҳидҳои сохтории амалкунандаи респондентон дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ва аз ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" мансуб буда, аз ҷониби онҳо хизматрасониҳои гуногуни бонкӣ, аз ҷумла пешниҳоди қарз ба анҷом расонида мешаванд.

2.2. Филиал ва дигар воҳидҳои сохтории респондентон дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон

Муайян намудани миқдори филиал ва дигар воҳидҳои сохторӣ, ки дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон фаъолият менамоянд, масъалаи дигари назарсанҷӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳлил муайян гардид, ки дар ин шаҳру ноҳияҳо шумораи филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, ки респондентон нишон доданд 10 адад ё 58,8 фоиз, филиал ва марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд 5 адад ё 29,4 фоиз ва нуқтаҳои хурди хизматрасонӣ 2 адад ё 11,8 фоизро ташкил намудаанд (ниг. ба диаграммаи 14).

Диаграммаи 14. Ҳиссаи воҳидҳои сохтории респондентон дар ноҳияҳои дурдаст (бо фоиз)




2.3. Намудҳои маҳсулоти қарзӣ барои аҳолӣ

Муайян намудани намудҳои маҳсулоти қарзии барои аҳолӣ пешниҳодгардида яке аз масъалаи дигари назарсанҷӣ ба шумор рафта, аслан респондентон ҳамагуна намудҳои маҳсулоти қарзиро барои аҳолӣ пешниҳод менамоянд, ки ҳиссаашон дар умум аз нисф бештар, 58,8 фоизро ташкил додааст. Ҳамчунин, қарзҳои хурд дар алоҳидагӣ 23,5 фоиз ва қарзҳои истеъмолӣ 17,6 фоизро ташкил додаанд (ниг. ба диаграммаи 15).

Диаграммаи 15. Намудҳои маҳсулоти қарзӣ барои аҳолӣ (бо фоиз)




2.4. Ҳаҷми миёнаи пешниҳоди маблағи қарз

Омӯзиши масъалаи шартҳои пешниҳоди қарз, аз ҷумла ҳаҷми миёнаи пешниҳоди маблағи қарз, меъёри миёнаи пешниҳоди фоиз, мухлати миёнаи пешниҳоди қарз ва талабот ба пешниҳоди гарав дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон мубрам дониста шуда, ҳолати пешниҳоди

қарз бо назардошти ин шартҳо дар назарсанҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд. Коркарди маълумотҳои назарсанҷӣ муайян намуд, ки талаботи бештар ба пешниҳоди қарзҳои хурд, ки ҳаҷмашон аз 10000 то 20000 сомонӣ мебошад, бештар буда, ҳиссаашон 41,2 фоизро ташкил намудааст. Ҳамчунин, пешниҳод ба ҳаҷми маблағҳои қарзии аз 20000 то 30000 сомонӣ мутаносибан 23,5 фоиз ва қарзҳои то 10000 сомонӣ бошад 17,6 фоизро дар бар гирифта, пешниҳод ба қарзҳои ҳаҷман калон аз 30 000 то 500 000 сомонӣ дар сатҳи яккела 5,9 фоиз мебошанд (ниг. ба диаграммаи 16).

Диаграммаи 16. Ҳаҷми миёнаи пешниҳоди маблағи қарз
(бо фоиз)




2.5. Меъёри миёнаи пешниҳоди фоизи қарз

Масъалаи дигар, ки асоси рушд ё монеаи тавсеаи бозори қарзӣ мегардад, ин меъёри фоизи қарзҳои пешниҳодшуда мебошад. Ҳиссаи бештари респондентон (47,1 фоиз) дар ҷавобҳо аз 16 то 24 фоизро пешниҳод намудаанд, ки аз меъёри фоизи миёнавазни қарзҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ (22,9 фоиз) зиёдтар мебошад. Ҳамчунин, 41,2 фоизи респондентон дар ҷавобҳо меъёри аз 32 фоиз зиёдро пешниҳод намудаанд. Дар баробари ин, 11,8 фоизи респондентон меъёри миёнаи фоизи қарзҳои пешниҳодкардаашон аз 24 то 32 фоиз зиёд мебошад, ки аз нишондиҳандаи миёнавазни сатҳи ҷумҳурӣ 9,1 банди фоизӣ зиёд аст (ниг. ба диаграммаи 17).

Диаграммаи 17. Меъёри миёнаи фоизи қарз (бо фоиз)




2.6. Муҳлати миёнаи пешниҳоди қарз

Талаботи дигар дар мавриди гирифтани қарз, ин муҳлати пешниҳоди қарз буда, дар шартномаи қарзӣ дарҷ гардидааст. Масъалаи мазкур дар назарсанҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Муайян гардид, ки талаботи бештар (88,2 фоиз) ба пешниҳоди қарзҳои дарозмуҳлат, яъне муҳлаташон зиёда аз як сол бештар мебошад. Талабот ба пешниҳоди қарзҳои кӯтоҳ ва миёнамуҳлат бошад дар сатҳи якхела (5,9 фоиз) ташкил додааст (ниг. ба диаграммаи 18).

**Диаграммаи 18. Муҳлати миёнаи пешниҳоди қарз (бо фоиз)**




2.7. Талабот ба пешниҳоди гарав

Асоси таъминоти шартномаи қарз пешниҳоди гарав мебошад, ки талабот ба пешниҳоди гарав ва амволи ба гарав гузошташаванда метавонад шартномаи қарзиро бекор намояд. Хусусан, дар ноҳияҳои дурдасти кишвар ба сифати пешниҳоди гарав дар шартномаи қарзӣ дигар молу мулк, аз ҷумла чорво, маҳсулоти кишоварзӣ, техникаи кишоварзӣ ва ғайра истифода бурда мешавад. Ҳиссаи ин пешниҳоди

гаравҳо 47,1 фоизро ташкил додаанд. Ҳиссаи амволи ғайриманқул ба сифати пешниҳоди гарав бошад 23,5 фоиз ва воситаҳои нақлиёт 11,8 фоизро ташкил намудаанд (ниг. ба диаграммаи 19).

Диаграммаи 19. Талабот ба пешниҳоди гарав (бо фоиз)




2.8. Талабот ба пешниҳоди қарз

Масъалаи талабот ба пешниҳоди қарз дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон аз нуқтаи назари респондентон мавриди омӯзиш қарор дода шуд, ки ҳиссаи бештар (82,4 фоиз) ин талаботҳоро миёна арзёбӣ намуда, 17,6 фоизи онҳо иброз намуданд, ки талабот ба пешниҳоди қарз зиёд мебошанд. (ниг. ба диаграммаи 20).

Диаграммаи 20. Талабот ба пешниҳоди қарз (бо фоиз)



Аз натиҷаи коркарди маълумотҳо бар меояд, ки респондентон дар ин самт минбаъд фаъолиятро хубтар намуда, шумораи воҳидҳои сохтории худро дар ин ноҳияҳо зиёд намоянд.

2.9. Муроҷиати аҳолӣ аз рӯйи гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои гирифтани қарз

Муайян намудани гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, ки бештар қарз мегиранд, масъалаи дигари назарсанҷӣ ба шумор рафта, ин гурӯҳҳои тамоми аҳолиро фарогир мебошанд. Мувофиқи ҷавобҳои респондентон гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла коргар/хизматчӣ, соҳибкор, нафақахӯр, донишҷӯ, муҳоҷири меҳнатӣ, хонашин ва дигарон барои гирифтани қарз ба онҳо муроҷиат менамоянд.

2.10. Мушкилот ҳангоми додани қарз

Ошкор намудани мушкилот ҳангоми додани қарз дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ва монеаҳои дигари ҷойдошта, ки респондентон бо он дучор мегарданд, масъалаи дигари назарсанҷӣ ба шумор рафта, аз ҷумла набудани гарав, ҷой доштани хавфҳои баланд, инфрасохтори рушд наёфта ва мувофиқ набудани бастаи ҳуҷҷатҳо аз мушкилоти асосие мебошанд, ки ҳангоми додани қарз бо онҳо дучор гардидаанд ва ҳиссаашон дар маҷмуъ 64,7 фоизро ташкил додааст. Ҳамчунин, мушкилоти ҷойдошта дар алоҳидагӣ ба монанди вуҷуд доштани хавфи баланд, надоштани маълумоти манбаи даромад ва паст будани сатҳи саводнокии молиявӣ ҳиссаашон мутаносибан 11,8 фоизро ташкил додаанд (ниг. ба диаграммаи 21).

Диаграммаи 21. Ҳангоми додани қарз чӣ мушкилот ҷой дорад (бо фоиз)




## 2.11. Ҳолати саривақт пардохт накардани қарз

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ вобаста ба ҳолати саривақт пардохт накардани қарзҳо дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон муайян намуд, ки 70,6 фоизи респондентон ҳолатро миёна арзёбӣ намуда, 11,8 фоиз мутаносибан ҷавоб доданд, ки ҳолат хуб ва хеле бад аст ва 5,9 фоиз ҳолатро бад нишон додаанд (ниг. ба диаграммаи 22) .

Диаграммаи 22. Ҳолати сари вақт пардохт накардани қарз (бо фоиз)



2.12. Сабаби ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ муроҷиат накардани аҳолӣ барои гирифтани қарз

Масъалаи ниҳоии назарсанҷӣ муайян намудани сабабҳои асосии ба респондентон муроҷиат накардани аҳолӣ барои гирифтани қарз мебошад. Натиҷаи коркарди маълумотҳо муайян намуд, ки сабаби асосии муроҷиат накардани аҳолӣ барои гирифтани қарз ба респондентон надоштани даромади доимӣ (64,7 фоиз) мебошад. Ҳамчунин, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо ва пешниҳоди гарав ё дарёфти қарз аз дигар манбаъ ҳиссаашон 11,8 фоизӣ буда, маъқул накардани шартҳои пешниҳоди қарз ё баланд будани меъёри фоизи қарз 5,9 фоизиро ташкил додаанд. Аз нуқтаи назари респондентон сабаби асосии муроҷиат накардани аҳолӣ на меъёри баланди фоизи қарз, балки надоштани даромади доимӣ, ки яке аз талаботҳои шартномаи қарзӣ мебошад, ба ҳисоб меравад (ниг. ба диаграммаи 23).

Диаграммаи 23. Сабабҳои ба ТҚМ муроҷиат накардани аҳолӣ барои гирифтани қарз (бо фоиз)




2.13 Таклифҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба беҳтар намудани пешниҳоди қарз

Баъд аз коркарди маводи назарсанҷӣ як қатор таклифу пешниҳодҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои беҳтар намудани ҳолати пешниҳоди қарз ва дастрасии бештари аҳолӣ ба маблағҳои қарзӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон иброз гардидаа. Ин таклифҳо дар шакли фишурда чунин мебошанд:

- пешниҳоди маҳсулоти нави қарзӣ маҳз барои ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бо назардошти имтиёз ва сабукиҳо ва соддагардонии раванди қарздиҳӣ дар ин минтақаҳо.

- бо шартҳои имтиёзнок пешниҳоди қарз, аз ҷумла фоизҳои паст ва муҳлати дарозмуддат. Инчунин, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ барои қарзҳои хурд, аз ҷумла талаботи таъминоти қарзҳо (гарав) ва талаботи ҳатмии таҳлили молиявии зомин.

- такмили инфрасохтори бонкӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, аз ҷумла инфрасохтори ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои пешниҳоди хизматрасонии молиявии фосилавӣ, қабули пардохтҳо ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии рақамии аҳолии ин минтақаҳо.

- ташкили барномаҳои таълимӣ ва машваратӣ барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва фаҳмондани манфиатҳои гирифтани қарз.

- такмил додани дастурамалҳои дахлдори БМТ ва дар ин замина ворид намудани имтиёз ва сабукиҳо дар пешниҳоди қарз барои ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон.

- мустаҳкам намудани инфрасохтори ноҳияҳои дурдаст (беҳтар намудани сифати алоқаи шабакаҳои мобилӣ, интернет ва ғайра) ва хубтар ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо аҳолӣ.

- таъсиси ҷойҳои кории нави доимӣ ва мавсимӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ ба шабакаҳои интернетӣ, то ин ки аҳолӣ аз хизматрасониҳои муосир ва фосилавии гирифтани қарзҳо баҳравар гарданд.

**Хулоса**

1. Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки дар назарсанҷӣ фарогирии респондентон аз рӯйи ҷинс 66,5 фоиз мард ва 33,5 фоизро зан ташкил додаанд.

2. Иштироки респондентон бо назардошти шуғли онҳо муайян намуд, ки ҳиссаи аз ҳама бештар (43 фоиз) коргар/хизматчӣ, дар зиннаи дуюм соҳибкор (18 фоиз) ва дар зиннаи сеюм шахсони дар хоҷагиҳои деҳқонӣ шуғулнок (9,8 фоиз) ташкил намуда, ҳиссаи шахсони хонашин (5,8 фоиз), муҳоҷирони меҳнатӣ (5,5 фоиз), шахсони бекор (4,3 фоиз) ва донишҷӯён (1,3 фоиз)-ро ташкил додаанд.

3. Муайян карда шуд, ки ҳиссаи бештари респондентон (67 фоиз)

дар давоми як соли охир барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ муроҷиат намуда, аз се як ҳисса (33 фоиз) бо сабабҳои гуногун дар ин муддат барои гирифтани қарз муроҷиат накардаанд.

4. Маълум гардид, ки ҳиссаи бештари респондентон бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои истеъмолӣ (41,4 фоиз) қарз гирифтаанд. Барои рушди кишоварзӣ (21,3 фоиз), таъмири хона ва корҳои сохтмонӣ (22,4 фоиз), шаклҳои гуногуни хизматрасонӣ (7,5 фоиз) ва ҳиссаи аз ҳама камтарин (1,1 фоиз) барои иҷрои корҳо дар саноатро мақсади асосии гирифтани қарз шарҳ додаанд.

5. Натиҷаи таҳлили назарсанҷӣ муайян намуд, ки ҳиссаи бештари респондентон (81,7 фоиз) маблағи қарз ва фоизи онро қонеъкунанда ҳисобида, талаботи (18,3 фоиз) онҳоро маблағи пешниҳоднамудаи қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва фоизи он қонеъ намегардонад.

8. Талаботи аз ҳама бештар (16 фоиз) ба қарзҳои ҳаҷман хурд аз 5000 то 10000 сомонӣ буда, ҳиссаи қарзҳо ба маблағи аз 10000 то 15000 мувофиқан (13,1 фоиз) ва аз 20000 то 25000 (12,3 фоиз), ҳиссаи қарзҳои ҳаҷман калон аз 300 000 то 1 000 000 ва аз он зиёд дар маҷмуъ ҳамагӣ (2,2 фоиз)-ро ташкил намудааст.

9. Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки 85,4 фоизи респондентон ба ягон намуди мушкилӣ ва маҳдудият дучор нагардидаанд, 4,1 фоиз талаб кардани ҳаргуна ҳуҷҷатҳои иловагӣ ҳангоми гирифтани қарз, 1,9 фоиз дуру дароз таҳлил гардидани ҳолати молиявӣ ва нокифоя будани маблағи қарзи пешниҳодшуда ва дур аз макони зист ҷойгир шудани нуқтаҳои хизматрасониро маҳдудият ё мушкилот дар мавриди гирифтани қарз, инчунин 0,4 фоизи онҳо сатҳи пасти хизматрасонии муштариён ва ниҳоят зиёд будани арзиши гаравро нисбат ба арзиши қарз мушкилот медонанд.

Мушкилот ва маҳдудиятҳо дар сатҳи минтақаҳо тафовут дошта дар НТМ (4,5 фоиз) дуру дароз таҳлил намудани ҳолати молиявӣ, (3,4 фоиз) қаноаткунанда набудани ҷадвали пардохти қарзҳо ва (2,3 фоиз) дур аз манзили истиқоматӣ ҷойгир шудани нуқтаҳои хизматрасонии бонкӣ ва ҳаргуна ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб намуданро маҳдудият дар мавриди гирифтани қарз медонанд. Дар вилояти Суғд мушкилоти асосӣ (5,6 фоиз) мувофиқат накардани маблағи пешниҳодгардида ва талаботи муштарӣ, (4,2 фоиз) вақти зиёдро гирифтани қарз ва (2,8 фоиз) ҳар гуна ҳуҷҷатҳои зиёдатӣ талаб карданро маҳдудият дар мавриди гирифтани қарз

медонанд. Дар ВМКБ мушкилоти асосӣ (17,2 фоиз) ҳар гуна ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб намудан мебошад, ки ҳиссаи дигар мушкилот ва маҳдудиятҳо мутаносибан якхела (2,4 фоиз)-ро ташкил кардааст.

10. Муайян карда шуд, ки сабаби асосии муроҷиат накардани респондентон (67 фоиз) - ин эҳтиёҷ надоштани онҳо барои гирифтани қарз мебошад. Ҳамчунин, барои респондентон ҷолиб набудани қарз (7,6 фоиз), нокифоя будани даромад барои баргардонидани қарз (5,3 фоиз), бинобар сабаби дар рӯйхати "сиёҳ" қарор доштани онҳо (3,0 фоиз) ва бо сабаби маълумотномаи манбаи даромад надоштани респондентон (3,8 фоиз)-ро дар бар гирифтааст.

11. Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки 72 фоизи респондентон дарояндаи наздик хоҳиши гирифтани қарзро дошта, 28 фоизи онҳо бо сабабҳои гуногун хоҳиши гирифтани қарзро надоранд.

12. Пешниҳоди маҳсулоти нави қарзӣ бо шартҳои имтиёзнок аз ҷумла фоизҳои паст, мухлати дарозмуддат ва бартараф намудани монеаҳои сунъӣ барои қарзҳои хурд.

13. Такмили инфрасохтори бонкӣ, ташкили барномаҳои таълимӣ ва машваратӣ барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва такмил додани дастурамалҳои дахлдори БМТ .

14. Мустаҳкам намудани инфрасохтори ноҳияҳои дурдаст ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба шабакаҳои интернетӣ ба таври фосилавӣ гирифтани қарзҳо, зеро ин ҳолат ба сарфа кардани вақт, хароҷоти роҳ ва раванди пешниҳоди қарз таъсири мусбат мерасонад.

Пажуҳишгоҳи тадқиқотӣ - илмӣ